**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи Р.Н. Бобокалонова «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи тахассуси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ.**

Пажӯҳишу таҳқиқи масоили марбут ба забони осори хаттии гузаштагон яке аз проблемаҳои муҳимме мебошад, ки имрӯз дар пешорӯи назаррасе анҷом дода шудаанд, аммо то ба имрӯз як силсила мавзуоте низ боқӣ мондааст, ки аз назари муҳаққиқон дур мондаанд, ки яке аз онҳо забон ва услуби «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ мебошад. Бинобар ин, мавзӯи рисолаи хатми Р. Бобокалонова дар қатори масоили мубрами забоншиносии муосири тоҷик ҷо гирифтааст ва бори аввал хусусиятҳои луғавию семантикии услуби нигориши ин асар мавриди таҳқиқи ҳамаҷонибаю амиқ қарор дода мешавад.

Аҳамияти илмӣ-забоншиносии пажӯҳиши забон ва услуби «Таърихи ҳумоюн» низ аз он ҷиҳат қобили мулоҳиза аст, ки сабки он суннати забони форсии классикиро идома додааст, аммо дар нигориши муаллифи асар вобаста ба муҳити забонии даврони зиндагиаш вежагиҳое роҳ ёфтанд, ки боиси навгониҳо дар сабки нигориши илмӣ-ҷуғрофӣ гардидааст.

Уновнҷӯ дуруст таъкид намудааст, ки асари Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ фақат тасвири хушку холии ҳудуди Аморати Бухоро ва навоҳии ҳаммарзи он нест, балки ҳам асари ҷуғрофӣ ва ҳам таърихист, ки иттилооти мухтасари мардумшиносию фарҳангшиносиро низ фаро гирифтааст.

Ба бозсозии манзараи таърихии инкишофи забон ва сабки илмии тоҷикию форсӣ танҳо дар сурате метавон комёб гардид, ки осори илмии ҳар давраи он ба сурати комил таҳқиқ гардад. Дар мавриди омӯзиши забон ва сабки осори илмии охири асри X1X ва ибтидои асри XX, ки як давраи заминасоз дар ташаккули забони адабии муосири тоҷик маҳсуб мешавад, «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ яке аз

муҳимтарин кутуби илмии ин даврон мебошад ва барои баҳо додан ба манзараи рушди забони илми тоҷик дар он замон маводи фаровони илмӣ медиҳад. Яке аз ҷанбаҳои муҳими таҳқиқи забоншиносии «Таърихи ҳумоюн» забон ва сабки он, нақши ин асар дар ташаккул ва таҳаввули забон ва сабки осори илмӣ-ҷуғрофии тоҷик мебошад, аммо то кунун ба сурати куллӣ ин мавзуъ ба таври алоҳида ва системавӣ мавриди баррасии амиқу ҷиддӣ қарор нагирифтааст. Бо таваҷҷӯҳ ба ин нукта масоили забон ва сабки «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшаниро ба сифати мавзӯи рисолаи номзадӣ интихоб намудани муаллифи диссертатсия иқдоми хуб ва арзишманде дар инкишофи доманаи забоншиносии тоҷик ба шумор меравад..

Унвонҷӯ таҳқиқ ва баррасии хусусиятҳои луғавию семантикии сабки «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ, муайян намудани шароит ва муҳити таърихии таълиф ва китобати асар ва таъсири он дар шаклгирии хусусиятҳои забон ва услуби онро мақсади асосии худ қарор дода, иҷрои вазифаҳои муайянеро барои дастёбӣ ба ин мақсад дар пеши худ гузоштааст ва чунончи аз мазмуну муҳтавои диссертатсия бармеояд, ӯ ба мақсади худ расидааст ва вазифаҳояшро низ иҷро кардааст.

Таҳқиқу таҳлили забон ва сабки «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ, аз як тараф, агар барои баррасии хусусиёти сабкии ин асар зарур бошад, аз тарафи дигар, барои муайян намудани вежагиҳои услубии насри илмии форсу тоҷик дар охири асри X1X ва оғози асри XX мусоидат хоҳад кард ва бар мабнои матолиби назариявие, ки зимни баррасии хусусиятҳои услубии ин асар ба даст омадаанд, метавон дар оянда пажӯҳиши густарда ва амиқеро доир ба сабки насри илмӣ-ҷуғрофиёии тоҷик дар асри X1X ва оғози асри XX анҷом дод.

Мавод ва матолиби рисола метавонад дар оянда зимни таҳқиқоти умумӣ ва густардаи марбут ба услуби асари Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ, таърихи ташаккул ва таҳаввули сабки забони форсии дарӣ, ҳамчунин таълиму тадриси таърихи забони тоҷикӣ ва сабкшиносӣ ва курсу семинарҳои тахассусӣ дар мактабҳои олӣ ва таълифи барономаҳову

дастурҳо ва васоити таълимӣ оид ба ин фанҳо истифода гардад. Матолиби ономастикии гирдомада ҳамчунин барои нашри луғатхои тафсирӣ ва имлоии топонимӣ ва антропонимии забони тоҷикӣ заминаи муфид маҳсуб мешавад.

Чунончи аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, муаллифи он Р.Н.Бобокалонова ҳамчун муҳаққиқи хуб ташаккул ёфта, усулҳои таҳқиқоти илмиро хуб аз худ карда, малака ва маҳорати кор бо маводи забониро доро мебошад ва бо осори илмии мансуб ба мавзӯъ ва соҳаи марбути он ошноии амиқ дорад. Автореферати диссертатсия мундариҷаи кори илмиро хуб инъикос карда, муҳтавои асосии бобҳои дохилии рисола дар мақолаҳои гуногуни унвонҷӯ, ки номгӯйи он дар маҷаллаҳои тасдиқнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми ФР нашр шудаанд, инъикос ёфтааст.

Диссертатсияи номзадии Р.Н.Бобокалонова кори илмии баанҷомрасида буда, ба талаботе, ки КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои чунин рисолаҳои илмӣ пеш ниҳодааст, ҷавобгӯ буда, барои муҳокима ва ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои филологӣ А. Мирбобоев

20.03. 2019

Имзои Мирбобоев Азизхонро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Назаров Давлатхон

Нишонӣ: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
тел: 992 (37) 224-13-83
E-mail: tgpu2004@mail.ru
сайт: www.tgpu